Тақризи

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Амонов Салоҳудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи илмии ихтисос 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ): банди 1 Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо: банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ: тарҳрезӣ, пешгӯйӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Диссертатсияи номзадии Амонов Салоҳудин дар мавзуи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои тарбия ва ташаккули ватандӯстӣ дар наврасон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва психофизиологии онҳо иҷро карда шудааст. Шароиту муҳити иҷтимоӣ-педагогӣ, ки инсон дар он ҳамчун фарди иҷтимоӣ ва арзишманд ташаккул меёбад, худ муҳити таълиму тарбия аст, ки он метавонад ғановати этнпедагогӣ ва этнофарҳангиро дар бар бигирад. Он дар худ таҷрибаи бисёрасраи ҳар як халқу миллатро гирд оварда, дар муҳити иҷтимоӣ-педагогии оила, муассисаҳои таҳсилотӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию давлатӣ, мақомоти давлатию гайриҷамъиятӣ аз насл ба насл дода мешавад.

Тарбияи худшиносӣ ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ буда, он меҳвари ғояҳои миллиро ташкил менамояд. Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияту зиндагии хурду бузургсоли он таъсиргузор гардидааст, ба тарбия ва раванди ташкилу баргузории он бе таъсир намондааст. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавӣ ба макони арзишҳои миллӣ, тарбия дар хонавода, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҳаёти

фарҳангии иҷтимоӣ таъсир расонда, ба хурду бузургсоли ҷомеа дастрасии технологияҳои навини иртиботӣ-иттилоотиро таъмин намуд. Онҳо бо баробари роҳандозӣ намудани густариши ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, инчунин интиқоли иттилоот ба дунёи маънавӣ-ахлоқии кӯдакону наврасон ворид гардидаанд, омили тағйир ва коҳиш ёфтани фазои этнофарҳангии халқу миллатҳо шудаанд, ки дар ин замина зарурати эҳё ва такмили истифодаи таҷрибаи тарбиявии халқ ба миён омадааст.

Тарбияи худшиносӣ ба ташаккул ва камолоти минбаъдаи шахсияте нигаронида мешавад, ки ӯ бояд дорои сифатҳои худогоҳию худшиносӣ, шаҳрвандию ватанпарастӣ бошад, ки дар ҳамаи вазъиятҳо тавонад бо сифатҳои мардонагию ватандӯстӣ таҳдиди хавфу хатарҳо ба марзу буми Ватан, осудагию осоиштагии халқу давлати худро муҳофизат намояд, арзишҳои моддию маънавию ахлоқии гузаштагонро ҳимояву афзун карда, ба воридшавии ғояву андешаҳои бегонаи ифротӣ дар байни худ ва ҳамватанон роҳ надиҳад. Муҳаққиқ иҷрои чунин вазифаҳои мураккаб ва мубрамро ба ҳисоб гирифта, истифодаи омилҳои этнофарҳангию этнопедагогиро ҳамчун воситаи тарбияи худшиносии хонандагон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, Х.Афзалов, Х.Раҳимзода, Сулаймонӣ С.И. Қодиров Б.Қ., ки онҳо ба масъалаи истифодаи мероси адабӣ-фарҳангӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли ҷавон таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд, омӯхта, аз онҳо чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст. Инчунин дар таҳқиқот пажӯҳишҳои рӯйи ин масоил анҷомшудаи олимони хориҷӣ ба монанди Б.Г. Ананев, Л.С. В□иготский, И.С. Кон, В.С. Мухина, В.Ю. Хотинец ва дигарон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Про□блемаи ташаккули худшиносии миллӣ дар таҳқиқоти олимону педагогони ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳодияи Шуравӣ ба монади З.Г. Нигматов, Р.А. Низамов, Г.Д. Очиров, Ю.С. Тюнников, Ф.Ф. Харисов, Г.Ф. Хасанова ва дигарон, ки ба чашм мерасад, дар рафти кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳлилу баррасии талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф ҳамчун заминаи методологии таҳлили маводи арзишманд пешкаш гардидааст.

Дар заминаи муайянсозии ихтилофҳо оид ба истифодаи омилҳои этнофарҳангӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар оила, муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа ба нақша ва дастгоҳи илмии дар низоми таҳқиқот пайгирӣ карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия ва асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма, методҳои назариявию амалии таҳқиқот, навгониҳо, аҳмияти назариявию амалии кор, инчунин ғояҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешкаш карда шудаанд.

Мақсад таҳқиқотро ба таври на□заривию озмоишӣ асоснок на□мудани моделӣ ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи у□мумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ташкил дода, омӯзиш ва пажӯҳиши роҳҳои самараноки истифодаи маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва худшиносии наврасон мавриди нигоҳ қарор гирифта, вазифаҳо мувофиқ ба иҷрои мақсади таҳқиқот интихобу баррасӣ ва иҷро гардидаанд. Объект ва мавзуи таҳқиқот низ мантиқан бо ҳам пайваст буда, муҳаққиқ дар фарзияи илмии коркарду пешниҳодгардида имконпазирии истифодаи мероси адабию фарҳангиро дар тарбияи худшиносии наврасон бо назардошти вижагиҳои синнусолию фардии наврасон ва ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ таъкид менамояд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро омӯзиши маводи назариявӣ, ки он имконияту неруи муҳити иҷтимоӣ дар тарбияи худшиносии наврасон, ки аз ҳамкории волидону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ бармеояд, ташкил намудааст. Таҳлили асноди қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки гояҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, педагогиро оид ба ҳувияти миллӣ ва самти худшиносӣ дар мафкураи илмӣ муайян гардидааст, ташкил намудаанд. Инчунин ғояҳои тарбияи худшиносӣ, ки онҳо дар фарҳанги педагогии тоҷик ифода ёфтаанду вобаста ба пешрафти ҷомеа тағйиру такмил меёбанд ва таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ, ки нақши арзишҳои маънавиро дар тарбияи хештаншиносии шахсият таҳқиқу баррасӣ кардаанд, аз тарафи муҳаққиқ чун асоси методологии таҳқиқот интихоб ва мавриди корбарӣ қарор дода шудаанд.

Сарчашмаи маълумот барои кори таҳқиқотии мазкур ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методии низоми таҳсилот, суханрониву Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас, инчунин асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» мебошанд, ки муҳаққиқ зимни омӯзиш маълумот оид ба макон, замон, ғояҳои қаҳрамонони

халқи тоҷик дастрас намуда, зарурияти истифодаи онҳоро дар фаъолияти тарбиявии омӯзгорону волидон нишон додааст.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти** мазкур аз васеъ кардани донишу маълумот оид ба арзишмандии мероси адабию фарҳаги миллӣ чун таҷрибаи тарбиятии халқ иборат аст, ки он нерую тавонмандии хешро тули садсолаҳо исбот кардаю нигоҳ доштааст. Имрӯз низ аз нигоҳи фалсафӣ-сотсиологӣ ба он назар андозем, ҷузъи муҳимми фарҳанги муаррификунандаи миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ аст. Дарки мафҳуми худшиносӣ, Ватан, ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ маҳз аз истифодаи унсурҳои асосии мутааллиқ ба халқу миллат – забон, одату анъанаҳо, фарҳанги моддию маънавӣ, тарзи муоширату муносибат ва ғайраҳо сурат мегирад. Вақти он расидааст, ки таҳқиқоти мазкур барои таҳқиқи дигар унсурҳои этнофарҳангӣ замина гардида, дар тарбия ва ташаккулёбии насли худшиносу ватандӯсти соҳиби ахлоқи озодаву намунавӣ хизмат намояд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи онҳо дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таври мақсаднок истифодабарии асосҳои назариявӣ ва методологии масъалаи таҳқиқотшаванда; интихоби дурусти методҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва дуруст истифодабарии онҳо, ки ба мақсаду вазифаи таҳқиқотӣ мусоидат намуда, амалӣ гардидани фарзияи илмию нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо таъмин гардондаанд; барқарор намудани муоширату муносибат ба озмудашавандагон (омӯзгорон, хонандагону волидони онҳо), таҳлилу натиҷагирӣ аз вазъи истифодаи омилҳои этнофарҳангӣ дар назарияю амалияи тарбияи худшиносии хонандагон ва кори озмоишӣ-таҷрибавӣ; хулосаҳо ва тавсияҳои илмию методиро, ки аз донишу маълумот ва фаъолияти касбию иҷтимоии муҳаққиқ бармеоянд, дар бар мегирад.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони соҳаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар ду боб ва 6 зербоб ифода ёфтаанд ва бо иловаи муқаддима 191 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, 208

номгӯйи адабиёт истифодашуда бо 8 расму диаграмма ва 4 ҷадвал ба расмият дароварда шудааст.

**Дар муқаддима** зарурати мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзуъ оварда шудааст. Ҳамчунин объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд. Мақсаду в□азифаҳо ва фарзияи кор муайян гардида, асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳқиқот, марҳилаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар баён гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ», чунин бандҳоро дарбар мегирад: мафҳуми худшиносии миллӣ: ҷанбаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ ва педагогӣ (банди якум); На□қши мероси фарҳангӣ в□а таърихӣ дар рушди худшиносии миллии хонадагон (банди дуюм); маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» ҳамчун в□оситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди с□еюм).

Ҳувияти миллӣ яке аз ҷузъҳои ҳувияти шахс аст, ки бо мансубияти ӯ ба миллат, фарҳанг ё кишвари муайян робита до□рад. Ин хислати фитрии шахсият нест, балки огаҳӣ аз фарҳангу за□бон ва таърихи муштарак бо гурӯҳи муайяни мардум сарчашма мегирад. Ба миллатҳо тақсим шудани инсоният як раванди табиӣ ва мантиқист. Ҳар як миллат дорои вижагиҳои хос ва ҳувияти муайяне мебошад.

Мероси фарҳангӣ ба хонандагон дар ташаккули сифатҳои зерин кумак мекунад: в□атандӯстӣ - омӯзиши таърих ва фарҳанги кишвари худ ба кӯдакон кумак мекунад, ки аҳамияти с□аҳм ва ҷойгоҳи худро дар рушди ҷомеа дарк кунанд ва аз дастоварду корномаи гузаштагони худ ифтихор на□моянд; таҳаммулпазирӣ- до□нистани гуногунии фарҳангҳои ҷаҳонӣ моро меомӯзад, ки тафовутҳои фарҳангиии дигар халқҳоро эҳтиром на□моем ва қабул кунем, ки ин дар шароити ҷаҳонишавӣ махсусан, муҳим аст; дастурҳои ахлоқӣ, на□муна аз эпосҳо, ривоятҳо ва анъанаҳои мардумӣ дарсҳои ахлоқиро баён мекунанд, ки дар ҷаҳони муосир аҳамияти худро до□ранд.

**Боби дуюм** «Шартҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» оид ба масъалаҳои зерин баҳс мекунад: амсилаи иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди якум); чорабиниҳои беруназдинфӣ ҳамчун в□оситаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон (банди дуюм); таҳлил ва арзёбии самаранокии

амсилаи иҷтимоию педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» (банди с□еюм); ва дар охири боб хулосаҳои ин боб оварда шудаанд.

Ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи у□мумӣ тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» метавонад бо ёрии шаклҳои гуногуни кор амалӣ карда шавад, ки ҳар яки онҳо ба дарки амиқи ҳувияти миллии донишомӯзон, ҷалби фаъол ба мероси фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат кунад. Барои расидан ба ин мақсад сохтани амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон тавассути маҳфили «Шоҳномахонӣ» бамаврид аст.

Муҳаққиқ дар асоси таҳлили таҳқиқоти илмӣ, таҷрибаи тарбиявии волидону омӯзгорон дар тарбияи худшиносии миллии хонандагон баҳисобгирии чунин хусусиятҳои онро таъкид намудааст: ба гурӯҳҳо муттаҳидшавии хонандагон баъди хатми зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; ба вуҷуд омадани тағйироти психологӣ (ҷавоб ҷустан ба саволи «Ман кистам?») ва авомили ҷисмонӣ-физиологӣ, таваҷҷуҳи махсус ба шахсияти худ ва ҷинси муқобил; майлу рағбати мустақил будан ва баромадан аз мутеъият (аз вобастагии волидону омӯзгорон), ба вуҷуд омадан ва шаклгирии сифатҳои худбаҳодиҳӣ, худназораткунӣ, зуҳуроти майлу рагбат ва маромҳои нав дар фаъолиятҳо, ниғоҳ доштану устувор кардани мавқеи иҷтимоӣ дар доираи муоширату муносибатҳо, васеъ гаштани донишу тасаввурот ва шаклгирии ҷаҳонбинӣ, тезтағйирёбии фикру андешаҳо ва муносибат бо атрофиён ва ғайраҳо, ки баъзан онҳо амали рафторҳои номатлуб зери таъсири маводи намоишӣ, ҳамсолону калонсолон ва ғайраҳо. Дар раванди тарбияи худшиносӣ дар наврасон баҳисобгирии хусусиятҳои фардию иҷтимоии онҳо хеле муҳим мебошад.

Дар охир ба болоравии сатҳи донишҳо оид ба омилҳои педагогӣ дар рушди ҳиссиёт ва сифатҳои худшиносии хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ таъсиргузор будани таҷрибаи тарбиявии оила, ба фаъолияти якҷоя ҷалб кардани омӯзгорону хонандагон ва ғайраҳо таъкид гардида, зарурияти ба самти арзишманд роҳнамоӣ кардани тарбияи хонаводагӣ ва таълимгоҳ таъкид шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои пешрафти назария ва амалияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагонро таъкид менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 11 номгӯй, китобҳои дарсӣ - 3

номгӯй, дастурҳои таълимӣ-методӣ - 3 номгӯй, мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва нашрияҳои дигар чопшуда - 6 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд.. Аз ҷумла:

1. Бисёр ба маврид ва айнивақтӣ мебуд, агар дар замима намунаи нақша-чорабиниҳои омӯзгорони соҳибтаҷриба, барномаи чорабиниҳо роҷеъ ба тарбияи худшиносии наврасон илова карда мешуд.
2. Агар муҳаққиқ шаклҳои кори беруназсинфиро оид ба тарбияи худшиносии наврасон дар зербобе илова ва таҳлилу баррасӣ менамуда, ворид намудани омилҳои этнофарҳангию педагогиро тавсия мекард, қиммати кори диссертатсионӣ меафзуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои имлоию китобатӣ роҳ ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида андешаи субъективии мо буда, онҳо сатҳ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобар ин, диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯйи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Амонов Салоҳудин дар мавзӯи «Ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути маҳфилҳои «Шоҳномахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад.

Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талабот ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташударо иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амонов Салоҳудин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фароғатӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарриии расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, Шарифов Муҳсин Ғаффорович

18.11.2025

**Маълумот барои тамос:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, 17/6. Тел: 935806222.

Имзои Шарифов Муҳсин Ғаффоровичро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.